# БАРОМАДИ АЛӢ ВЕЛШӢ,
# МАРОСИМИ ХАТМКУНИИ ДОНИШГОҲИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ
15-УМИ ИЮНИ СОЛИ 2024

Субҳ ба хайр, ҳама.

Мӯҳтарам, Догдуркул Кендирбоева, вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Қирғизистон;

Мӯҳтарам, Саидзода Раҳим Ҳамро, вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Мӯҳтарам, Олтинбек Эргешов, губернатори вилояти Норин.

Мӯҳтарам, Мирзонабот Алишер Худобердӣ, раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

Доктор Шамш Кассим-Лакха, раиси Шурои Парасторон

Аъзоёни Шуро.

Иҷрокунандаи вазифаи ректор Крис Герри.

Максим Хомяков, декани Мактаби илмҳои гуманитарӣ,
табиатшиносӣ ва дақиқ

Муаллимон ва кормандони Донишгоҳи Осиёи Марказӣ.

Падару модар ва аъзоёни оила.

Меҳмонони мӯҳтарам....

ВА… хатмкунандагони Соли 2024:
Табрик мекунем шуморо! Ин комьёбии бузург аст.
Ташаккури зиёд ба шумо барои даъват намудани ман ба ин маросим. Ман хеле шарафмандам, ки паёми маросими хатми имсоларо ироа менамоям, ва дар ин рӯзи бениҳоят махсус дар ин макони шигифтангез дар пеши шумо сухан ронам.
Бароям боиси ифтихор аст, зеро ки ман қаблан бо донишҷӯёни Донишгоҳи Осиёи Марказӣ кор кардаам. Ман медонам, ки ҳамаи шумо чӣ қадар доно, кунҷков ва меҳнатдӯст ҳастед.
Соли 2018 маро ба шаҳри Хоруғ дар Тоҷикистон даъват карданд то барои донишҷӯёни Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар дар озмуни бизнес-нақша кӯмак расонам.
Шакли ин озмун ва рақобати тиҷорӣ ба он намуди мусобиқаҳое монанд буд, ки ман дар Иёлоти Муттаҳида дар онҳо ширкат доштам. Ман боварӣ дорам, ки бисёре аз шумо бо ин озмун шинос ҳастед: Дар ин мусобиқа гурӯҳҳои донишҷӯён бояд мушкилоти тиҷоратро дар маҳал, кишвар ё минтақаи худ муайян намуда роҳи ҳалли онро дар сатҳи маҳаллӣ ҷустуҷу намоянд. Дар ҷараёни ин мусобиқа ман тавонистам ба доншиҷӯён чандто аз усулҳои макроиқтисодиро омӯзам ва ба онҳо мисолҳоро овардам, ки бо чӣ гуна ғояҳои кӯчак ба барномаи муваффақу бузурги иқтисодӣ табдил ёфтаанд. Дар ин

раванд афроде ки худро оилаояшон ва ҷомеаъи онҳо худро ба хатар андохтанд, комёб гардиданд.

Он донишҷӯён - мисли ҳамаи шумо - аз донишҷӯёне, ки ман қаблан роҳбарӣ мекардам, каме тафовут доштанд. Донишҷӯёне ки ман дар Тоҷикистон бо онҳо кор кардам аз кишварҳое буданд, ки ман дар он ҷойҳо вақти зиёд сарф накардаам ва аз фарҳангҳое буданд, ки дар бораи онҳо хеле кам медонистам.
Ман омадам то бо онҳо кор кунам ва донистану шунидани бисёр чизҳоро аз онҳо интизор будам. Аммо ҳангоми кор бо онҳо дар тааҷуб мондам.

Лоиҳаҳои тиҷоратии онҳо аҷиб буданд. Онҳо мисли лоиҳаҳои донишҷӯёне, ки ман дар Амрико роҳбарӣ намудам, аҷоибу хуб ва иқтидори ҷалби сармоягузориро доштанд. Чунин лоиҳаҳо дар инфрасохтори стартапҳо тавлид шуда аксари вақт нақшаҳои муваффақи бизнес мешаванд.

Донишҷӯёни Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар кампуси шаҳри Норин ба ман нишон доданд, ки агар шумо ба одамон захираҳоро дастрас намоед, онҳо қобилияти иҷрои корҳои бузург доранд. Нерӯи шумо барои навоварӣ ба зодгоҳ ва маҳали зисти шумо ҳеҷ рабте надорад. Бо назардошти воситаҳои зарурӣ, ҳар яки мо қодир ҳастем, ки на танҳо худро инкишоф диҳем, балки ҷомеаамонро беҳтар созем.

Ҳамаи шумо, хатмкунандагони Донишгохи Осиёи Миёна дар дасти калиди мувафақият доред. Ба шумо ин қудрати бебаҳо он нерӯи дониши дигаргунсозанда дода шудааст ки навакак ба такмил ва истифодаи он шурӯъ кардаед.

*Ин* имконияти шумост. Калиди муваффақият дар неруе ки ҳар як инсон бо он таваллуд мешавад мавҷуд ҳаст. Имконият он чизест, ки бароятон тавасути чунин таҳсилоти босифат ва пурарзиш дода шудааст. Имконият он чизе буд, ки шумо ҳангоми довталабӣ онро ба даст овардед ва таҳсилро дар ин ҷо оғоз кардед.
Дар ин ҷо шумо на танҳо аз устодони беҳтарин сабақ омӯхтед, балки бисёр чизҳои муфидро низ аз ҳамсолони доно ва серзеҳни худ дар ин кампуси зебо дар миёни кӯҳҳоёд гирифтед.
Шумо илми иқтисодиёти ҷаҳонӣ, илмҳои заминшиносӣ ва муҳити зист, илмҳои компютерӣ ва ВАО-ро, омӯхтед.

Шумо хуб меҳнат кардед ва дар омӯзиши худ пойдор мондед
Аммо барои баъзе одамон, сарфи назар аз меҳнат ва сабуриашон, имконият ба даст намеояд. Шумо ин имконро доштед. Дипломи шумо далели он аст, ки фурсати муносибе барои таҳсилот доштед. Акнун, шумо бояд ҳамаи ин дастовардҳоро дар ҷаҳон нишон диҳед ки ба шумо сахт ниёз дорад.
Минтақаъи Осиёи Марказӣ ба шумо ниёз дорад. Ин як лаҳзаи муҳим аст.
Тавре ки шумо медонед, тағирёбии иқлим зерсохторҳои экологии минтақаро тавассути мавҷҳои гармии шадид, хушксолӣ ва боришоти шадид хароб мекунад.
Обхезиҳои харобиовар ба ҳосили кишоварзӣ осеб расонида, боиси бӯҳрони амнияти озуқаворӣ мешаванд. Ин мушкилот барои бисёр қисматҳои минтақаъ ба монанди деҳаҳои шумо дар кӯҳистон бештар шудааст.
Дар ҳоли ҳозир 22 миллион нафар дар Осиёи Марказӣ ба оби тозаи ошомиданӣ дастрасӣ надоранд.

Дар баробари мактабҳои саросари минтақа ба норасоии муаллимон нарасидани китобҳои дарсӣ ва дигар маводҳои зарурӣ барои омӯзиши кӯдак дучор мешаванд. Чунин дастрасии душвор ба таҳсилот мушкилоти мавҷудияти минтақаро боз ҳам печидатар мекунад.
Ва албатта, дар чунин шароит дастоварди имрӯзаи шумо, ки Донишгоҳи Осиёи Марказиро хатм мекунед, боз ҳам назаррас ҳаст.
Шумо чор солро барои омӯхтани мушкилоти сершумори кишварҳои худ, ҳамсолон ва фарҳангҳои мардумони ҷомеаҳои худ сарф кардед.
Бешубҳа шумо ба ман ниёз надоред, ба нафаре ки аз нуқоти дури ҷаҳон ба шумо ин масъалаҳоро ёдрас намояд, ва ё дар бораи он ки шумо барои расидан ба ин дараҷа чӣ қадар заҳмат кашидаед ва ё он ки бигуям, ки чӣ чизе бароятон даркор аст то ба кишварҳо ва мардуми худ кӯмак намоед.
*Шумо медонед, ки чиро ислоҳ кардан лозим аст. Ман танҳо ба он хотир дар ин ҷо сухан меронам то шуморо ташвиқ намоям, ки баъд аз хатми донишгоҳ ин корро кунед. Рисолат ва кори худ эҳтимолан боқимондаи умратонро барои хидмат намудан ба дигарон бахшед. Ин нафарони дигар метавонанд аъзои хонаводаи шумо, ҷомеаи шумо, шаҳрвандони давлати шумо, минтақаи шумо ва аз ҷой дигар бошанд.

Ман сӣ сол пеш донишгоҳро хатм карда будам; он замони комилан дигар буд, дар кишваре, ки аз кишварҳои шумо хеле фарқ мекунад. Аммо шояд баъзеи шумо худро дар қиссаи зиндагии ман хоҳед дарёфт.

Ман он қадар хуб намефаҳмидам, ки ба рӯзноманигорӣ таваҷҷӯҳ дорам, аммо ягон самту касби дақиқе надоштам, ки аз паи он шавам. Дар оилаи ман ҳеҷ кас ба рӯзноманигорӣ машғул набуд ва чун ақаллият дар Канада, касе ҳам ба ман монанд набуд.

Ва, шояд то андозае, ман дар ҷустуҷӯи чизе будам, ки дар ҳаёти ман ва берун аз соҳаи фаъолият волидони ман буд, кор кунам.

Фаъолияти оилаи ман дар кори давлатӣ буд.

Баъзе одамон кори давлатиро ҳамчун чизе мебинанд, ки барои онҳо вақт надоранд. Аммо волидонам дигар буданд. Чизе ки онҳо мефаҳмиданд, ки ҳатто агар кори ҷамъиятӣ шуғли дустдошта ҳам набуд, он бояд анҷом дода мешуд.

Чуқуриҳои роҳи кӯча худ ба худ ҳамвор ва пур намешаванд. Китобхонаҳо ва беморхонаҳо худро маблағгузорӣ намекунанд. Ахлоту қутии партов худ ба худ тоза намешавад. Ва дар ҳоле ки мо аксар вақт ин чизҳоро ҳамчун масъулияти ҳукумат мешуморем, ҳукумат бо саҳм ва иштироки ҷомеа беҳтар кор мекунад. ШУМО хуб медонед, ки дар ҷомеаи шумо кадом чиз даркор аст ва шумо бояд барои даровардани тағйироте, ки бароятон лозим аст, ҷалб шавед.

Албатта, ман фаҳмидам, ки чаро ҳамаи ин муҳим аст - ва *касе* бояд ин корро анҷом медод. Аммо ман намехостам чунин корро кунам.

Ман донишгоҳро бо як нигоҳи равшан ва хушбинӣ ба оянда хатм кардам. Ман фаъолияти худро ҳамчун рӯзноманигор оғоз кардам, ва мехостам, ки корам дар ҷомеъаи ман таъсир дошта бошад. Аммо ман оиди касби худ ҳамчун рӯзноманигори ва хизмати ҷамъиятӣ фикр намекардам. Барои ман он кори ҷамъиятӣ набуд.

Ҳангоме ки ман ба корам идома додам бо ҳама мушкилоте, ки шаҳру кишварам ва минтақаам ва ҷаҳон доштанд, рӯбарӯ шудам. Ҳеҷ гоҳ ба фикрам намеомад, ки ман кори худро иҷро карда метавонам ва он ба  ҳалли мушкилот таъсири мусбат мерасонад. Мушкилот зиёд буд ва ҳеҷ имконе набуд, ки ман * воқеан * чизеро тағир дода метавонам.

Ман як хабарнигори маҳаллӣ будам ва гузоришҳои ман  танҳо бо шаҳри ман - Торонто ва минтақаҳои атрофи он маҳдуд буд. Ман дар бораи садамаҳои автомобилӣ, сӯхтор дар хона, куштор ва гурбачаҳои хурдсоле, ки дар дарахтон часпида буданд, гузориш медодам. Он давраҳо кор осонтар буд ва гузориш додан оид ба гурбаҳои ба дарахтҳо часпида хеле шавқовар буданд. Баъзан мо барои сабти  гӯрбачае, ки ба дарахт часпида буд, се ё чор камера доштем, ва метавонистем  сӯхторхомӯшкунандагонро  аз паҳлуҳои гуногун дар навори телевизион нишон диҳем.

Кишварки Канада, ки ман дар он ҷо ба воя расидаам, дар зимистон ҳавои хеле хунук дорад. Дар як рӯзи хеле сард, маро барои омода намудани гузориш ба Боғи ҳайвоноти Торонто фиристоданд, вале ҳаво он қадар сард буд, ки ҳатто хирсҳои сафеди қутбӣ кӯшиш мекарданд, ки ба хонаҳояшон дароянд. Ман ҳамеша худро аз шунидани ҳикояҳо дар бораи он ки чӣ гуна ҳавои сарду барфи бисёр дар  ҷойе, ки табиатан сард ва боришнок ҳаст, гунг ҳисмекардам. Бешубҳа чунин гузоришот ба ман эҳсосотеро дар тағйири вазъият намедоданд. Ҳатто каме ҳам чунин эҳсосот надоштам.

Пас аз кор кардани  ҳамчун хабарнигори маҳаллӣ, ман хабарнигори бахши  тиҷоратӣ шудам ва барандаи асосии барномаи  тиҷоратии Канада шудам ва дар эфири прайм-тайм р кардам. Ман дар барномаи ахбор дар вақте  ки одамон баъд аз кор ва хӯроки шом дар хона телевизионро тамошо мекарданд, баромад менамудам. Ман бо иқтисоддонҳо ва сиёсатмадорону тоҷирон дар бораи таъғиротҳои бузурги иқтисодӣ мусоҳиба мекардам. Ман бештар дар бораи * он чи* аллакаи руй дод, на *чаро* чунин тарз руй дод, гузориш медодам, гарчанде ки «чаро» аксар вақт аз далели руй додани чизе муҳимтар аст. Ман оид, ки оё он коре, ки анҷом дода шуда аз ҷиҳати ахлоқӣ ё ахлоқӣ дуруст аст саволҳои муҳимро намепурсидам. Ман умуман пурсуҷӯ намекардам. Ман корҳои муҳимтаринеро, ки рӯзноманигор бояд анҷом диҳад, иҷро намекардам.

Маро хато нафаҳмед - ман муваффақ будам, аммо аз ҷиҳати зеҳнӣ, ҳамаи ин кор маро танбал менамуд. Барои ман рӯзноманигорӣ кори хуб буд, аммо он  хизмати давлатӣ набуд. Он ба пешрафт дар масъалаҳое, ки барои ҷомеа, шаҳр ё кишвари ман воқеан муҳим буданд, мусоидат намекард.

Ва дар баъзе мавридҳо, чунин тарзи кор барои ман кофӣ набуд. Он ғайриқаноатбахш буд.

Ҳангоми ки кӯшиш намудам нақши кори худро дар ҷомеа фаҳмам ман дар бораи оилаи худ ва дидгоҳи онҳо ки ба хидмати ҷамъиятӣ бо ҳам пайваст мешаванд, фикр мекардам.

Биёед ман ба шумо каме дар бораи оилаи худам нақл кунам.

Бобою модаркалони бузурги ман аз хушксолӣ ва қарз дар зери сохти мустамликадории Британиё дар Ҳиндустон гурехта буданд.

Бобои ман ҳамчун мубориزи сулҳ дар Африқои Ҷанубӣ ба воя расидааст. Вай ҷавонтарин шогирди Маҳатма Ганди, мубориزи озодихоҳ ва машҳур ҳиндӣ буд, ки фаъолияти ӯ дар соли 1947 ба истиқлолияти Ҳиндустон оварда расонд.

Падари ман, ки маълумоти олӣ надошт, аввалин шахсе аз зодагони Осиёи Ҷанубӣ буд ки ба сифати коргар ва намоянда дар як идораи бузурги сиёсӣ дар Канада интихоб шуд.

Модари ман, ки ҳатто мактаби миёнаро хатм накарда буд, барои мансаби баландтар аз падари ман дар Канада пешбарӣ шуда буд. Агар ӯ барои нигоҳубини бибии ман аз интихобот даст намекашид, шояд дар он ғолиб меомад. Модаркалонам ки маро тарбия менамуд, пеш аз интихобот бемор шуда буд.

Хоҳарам низ сиёсатмадор буд. Вай ҳамчунт намояндаи интихобшуда дар сатҳи маҳаллӣ ва иёлотӣ ва ба ҳайси ходими давлатӣ кор мекард ва инчунин номзадиашро барои мақоми аршад пешбарӣ карда буд. Ҳар сеи онҳо: падар, модар ва хоҳари ман дар Канада муҳоҷир шуданд ва пеш аз ин онҳо дар Кения муҳоҷир буданд. Дар оилаи ман ҳама насли муҳоҷири дукаратаанд.

Бо вуҷуди ин, онҳо як рағбати зиёд барои иштирок дар корҳои ҷамъиятӣ доштанд то ҷомеаи нави интихобкардаи худро беҳтар ва қавитар созанд.

Қабл аз ин иштироки фаъол дар корҳои ҷамъиятӣ, оилаи ман ба мушкилоти иқтисодӣ ва сиёсӣ ва таъқиб дучор шуд. Бо вуҷуди ин, онҳо ҳеҷ гоҳ ноумед нашуданд. Онҳо ҳеҷ гоҳ ақидаеро ки амалҳои онҳоро беҳуда ҳисоб мекард ва гуё онҳо дар муайян кардани роҳи худ дар зиндагӣ ваколат надоранд, қабул накарданд.

Дар ҳар лаҳзаи муҳим, онҳо захираҳои дурустро интихоб ва истифода менамуданд, то ки дар ҷомеаи худ баъзан ба хотири зинда мондани худ, вале аксар вақт барои некӯаҳволии ҷомеаи худ ва ҷомеаи васеътари атрофи онҳо таъғиротро ворид намоянд.

Ман ин мисолҳоро "амалҳои кӯчак ва намунаҳои ҷасорат" меҳисобам.

Ман аз ин амалҳо омӯхтам. Ҳоло ман мефаҳмам, ки муҳим он нест ки шумо бояд барои он салоҳият дошта бошед, балки муҳим он аст, ки шумо кистед, ва мехоҳед бо ихтисоси ба даст овардаатон ва имкониятҳое ки доред ҷомеаро тағир диҳед.

Ҳоло ман муҳим будани нақшеро, ки иҷро мекунам, дарк кардам. Ман рӯзноманигор ҳастам. Ман намехоҳам он гуна рӯзноманигор бошам, ки масъалаҳои осонро ба ӯҳда гирад. Ман мехоҳам бо он душвориҳое кордор шавам ки воқеан ҳам ба фаъолият ва захираҳои доштаи ман таъсир расонанд.

Ҳоло, ҳамчун хатмкардаи Донишгоҳи Осиёи Марказӣ, ба ҳамаи шумо ҳам чунин неру ва захираҳо ато шудаст. Саволе ба миён меояд, ки шумо бо он чӣ гуна таъсир расонда метавонед? Амалҳои хурди ҷасорати шумо чӣ гуна буда метавонанд?

Таърихи навин барои шумо пур аз мисолҳост. Албатта, дар саросари ҷаҳон, балки дар ин ҷо, дар Осиёи Марказӣ.

Қиссаи фельдшереро бигиред аз дар шаҳри Нарин дар минтақаи кӯҳистоне ки мардум ҳангоми дастрасӣ ба хадамоти тиббӣ бо монеаҳои бузург дучор мешавад. Як

фельдшери далер на танҳо ваксинагузориро хуб ба роҳ мондаст, балки худро ба таълими ҷомеаи худ дар бораи аҳамияти ваксинаҳо бахшидааст.

Чунин ба назар мерасад, ки вай танҳо кори бахши каме аз сокинони шаҳри кӯҳистони Наринро ба ӯҳда дорад, аммо новобаста аз ин ҳаёти одамонро наҷот медиҳад.

Аммо шояд шумо ба илми тандурустӣ таваҷҷӯҳ надоред, аз ин рӯ ин мисол барои шумо мувофиқ нест.

Ба ҷои ин, қиссаи як пажӯҳишгар доктори илмро аз Қазоқистон бигиред, ки ҳоло дар Британияи Кабир дар системаҳои дастрасӣ кор мекунад. Вай ҳамчун мураббӣ барои духтарон аз Қазоқистон имкон медиҳад, ки соҳаҳои STEM-ро пайгирӣ кунанд.

Ин ҳам метавонад мисоли кучак бошад Аммо ин пажӯҳишгар барои як насли кулли духтарони қазоқ дар омӯзиши технология илмҳои дақиқ ва муҳандисӣ замина мегузорад.

Шояд мураббӣ он касб ва коре нест, ки шумо мехоҳед тавасути он ҷомеаро тағйир диҳед.

Пас дастаҳои муҳандисони Тоҷикистонро бигиред, ки дар дастрас намудани оби нӯшомиданӣ ба сокинони Хатлон, яке аз минтақаҳои хушктарини кишвар, ки аз норасоии об танқисӣ мекашад, кӯмак мерасонанд. Ин муҳандисон танҳо кори худро иҷро мекунанд вале захираҳоро барои мардум дастрас менамоянд.

Дар воқеъ дар неруи одамоне ки ҷуръати ба итмом расонидани корҳои бузургро доранд чизи муасире вуҷуд дорад ҳатто вақте ки миқёси амали онҳо хурд аст. Одамоне, ки аз шумораи зиёди мушкилот дар ҷаҳон наметарсанд.

Шумо бояд бо чизҳои душвор ва бисёр сару кор дошта бошед то одамонро ба шубҳа андозед, ки оё сохтани дунёи беҳтар имконпазир аст.

Ва * шумо *, ҳамаатон, ҳоло неруе доред ки ҷустуҷу ва амал намоед. Ин қудратро аз даст надиҳед. Даҳсолаҳо баъд, вақте ки фарзандон ва наберагонатон аз шумо дар бораи он вақти душвор душвор ва тағйирёбанда ки шумо донишгоҳро хатм намудед ва ормонҳое ки дунбол накардед, мепурсанд, онҳоро сарзаниш накунед.

Дар пеши шумо ба ҷуз имконият ва интихоб чизе нест.

Мақсадро интихоб кунед.

Тағйиротро интихоб кунед.

Интихоб намоед, ки гирду атрофро ва ҷаҳонро беҳтар хоҳед кард. Бо амалҳои хурд кӯчак фаъолияти худро оғоз намоед. Бо ҳар як муваффақияти хурд, шумо қавитар мешавед ва қобилияти ҳалли мушкилоти калонтарро хоҳед дошт.

Хатмкунандагони соли 2024, дар тарафи дигари ин диплома тамоми ҷаҳон интизори шумо аст.

Ман хеле ба ҳаяҷон омадам, ки шумо донишгоҳро хатм намуда ҷаҳонро кашф мекунед ва тағйир медиҳед

Доно бошед ва далер бошед. Ва тағйирот ба амал оред.

Ва дар охир табрик барои ҳамаи шумо.